**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи "Нақши бозиҳои мусиқӣ -дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич соли 2009 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ-ро хатм намуда соли 2006 дар муассисаи тӣаҳсилоти миёнаи №71-и н.Рудакӣ ба ҳаси омузгори суруд ва мусиқӣ кору фаъолият намудааст.Аз 2019 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар факлтети педагогика,кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ –бадеӣ ба ҳайси ассистенти кафедра кор ва фаъолият намуда аз 3.10.2022 иҷрокунандаи мудири кафедраи мазкур то инҷониб фаъолият намуда истодааст. Соли 2020 бошад кори илмӣ-тадқиқотиашро дар мавзӯи «Нақши бозиҳои мусиқӣ -дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ" оғоз менамояд.

Бояд қайд намоям, ки Боев Шаҳобиддин, дар раванди фаъолияти таҳқиқотиаш худро бисёр меҳнатдӯст, босабру субот ва дорои маҳорати баланди таҳқиқотӣ, ки ба як унвонҷӯй хос аст, нишон дод.

Диссертант маводҳои заруриро, ки адабиётҳои соҳавии назарияи мусиқӣ ва солфедҷио дар бар мегирад, дақиқкорона интихоб ва ҷамъоварӣ намуда, таҷрибаи кофии бурдани таҳқиқоти илмиро оид ба мавзуи рисола, ҳосил намуд. Ӯ дар раванди фаъолияти илмӣ – таҳқиқотиаш, роҳу усулҳои гуногуни гузаронидани таҳқиқотро, махсусан методи ҷамъоварии ахборотро аз худ карда, адабиётҳои илмии

ҷамъовардаашро омӯхта таҳлил ва хулосабарорӣ карда тавонист. Ба ҳаҷми зиёд ва мураккабии кор нигоҳ накарда диссертант тавонист, фикру ақидаҳояш ва раванди гузаронидани озмоиши педагогӣ-психологиро ба тафсил амсиласозӣ кунад, маҳаки асосии проблемаро дарк намуда, масъаларо аз мавқеъҳои гуногун бозомӯзӣ намояд. Имкон ёфт ба мақсади гузошташуда ноил гардад, ки инро натиҷаҳои озмоиши дар муассисаҳои таълимӣ гузаронидааш исбот менамояд.

Мубрамияти мавзуъро бо он асоснок кардааст, ки қабули стандартҳои нави таълимӣ, нав гардидани сохтори китобҳои дарсӣ, татбиқ шавии шаклҳои нави таълимӣ талаботҳоеро ба миён овардаанд, ки аз субъектҳои таҳсилот муносибатҳои навро тақозо менамояд.

Дар замони мо барои шахсият доштани донишҳои энсиклопедӣ кифоя набуда, шахс бояд дорои сифатҳое гардад, ки барои ҳалли дилхоҳ мушкилии баамалоянда ин донишҳоро равона ва мутобиқ намуда тавонад. Амалишавии ин ғояҳо ба кӯдак имкон медиҳанд, ки доираи қобилият ва имкониятҳояшро ба маротиб васеъ гардонида, дорои хусусиятҳое гардад, ки мустақилона донишҳои навро аз худ карда тавонад.

Дар кори диссертатсионии мазкур доираи васеи имкониятҳои кӯдак, ки истифода нашуда мемонанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, нерӯи баланди таълимию тарбиявии фаъолиятҳои мустақилонаи озмоишии хонандагон, роҳҳои ҳамгиро гардонидани ин фаъолиятҳо бо раванди таълим амалан мавриди озмоиш қарор гирифта, санҷида шуда таҳлилу баррасӣ гардида пешниҳод гардидааст.

Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқотро пайгирии меъёрӣ-ташхисии раванди ташаккулёбии малакаҳои таҳқиқотии хонандагон ташкил менамояд. Ҳамчунин маҷмуи методҳои баҳогузории сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ, ба муаллим имконият медиҳад, ки дараҷаи маълумотгирии хонандаро ташхис, коркард ва амалӣ намуда, масири рушди бонизоми

хонандаро тахия ва амалӣ намояд. Натичаҳои таҳқиқот метавонад ҳамчун базаи назариявӣ барои муккамалнамоии фаъолиятҳои таълимӣ-таҳқиқотии хонандагон дар ҳамгироии дарс бо фаъолиятҳои беруназдарсӣ, барои дар оянда ҳал намудани мушкилоти ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии хонанда истифода гардад.

**Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назарияви-методологии бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ»** масъалаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дар ин зимн моҳият ва сохтори бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи инкишофи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ аз мавқеъи назариявӣ асоснок карда шуд, ки ин барои ошкор намудани шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ташкили бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар чараёни таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣ имкони мусоид фароҳам овард.

Дар илми муосир ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар чараёни фаъолияти шахсро равоншиносон (Б.Г. Ананиев, Л.С.Выготский, Л.Б.Ермолаева-Томина, П.М.Якобсон) ва омӯзгорон (П.П.Блонский, Н.А.Ветлугина, А.Н.Зимин, Т.Г.Казакова, О.П.Комарова, О.П.Комарова) ва дигарон баррасӣ намудаанд). Онҳо мафҳуми « салоҳият» - ро ҳамчун қобилияти инсон дар асоси азхудкунии сарвати маданияти моддию маънавӣ дар чаҳон дигаргуниҳои аз чиҳати ичтимоӣ аҳамияти ба амал баровардан, дар муносибат, амалҳои ихтиёрӣ, иштирок дар бозӣ маънидод мекунанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия “Ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар чараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ”** зимни озмоиши педагогӣ, ки дар се марҳила:

муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ сурат гириф. Дар он дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои хонанагони синфҳои ибтидоӣ тибқи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян карда шуд.

Кори озмоишӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№34, 44, 10, 7-и шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ 2 гуруҳи хонандагони синфҳои ибтидоӣ иштирок намуданд. Дар гуруҳи озмоишӣ (минбаъд - ГО), ки 10 нафарро ташкил медиҳад, дар давоми сол мавриди омӯзиш қарор гирифт. Гурӯҳи назоратӣ (минбаъд - ГН) низ аз 10 нафар иборат буда, дар он таълиму тарбия ба таври анъанавӣ сурат гирифт. Шумораи умумии иштирокчиёни озмоиш 20 нафарро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои иҷрои супоришҳои бозиҳои мусиқӣ-дидактикии бачагон дар замима муфассал оварда шудаанд.

**Дар қисми ҷамъбастӣ** – хотимавии диссертатсия натиҷаҳои ҷамъбастии раванди таҳқиқот хулосабарорӣ гардида, ба муаллимон ва кормандони шуъбаҳои маориф, донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи таҳсилот тавсияҳои илмӣ-амалӣ дода шуда, зикр намудааст, ки накши фаъолиятҳои беруназсинфии таълимӣ, махсусан Ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқи-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар самти ба маҷрои зарурии таълимӣ равона кардани фаъолиятҳои мустақилонаи хонанда аҳамияти калони таълимӣ тарбиявӣ дошта, боз масъалаҳоеро ба миён меоварад, ки таҳқиқоти тозаро дар илмҳои педагогӣ тақозо мекунанд.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 16 мақола, аз он ҷумла 3 мақола Дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи тавсия намудаи КОА –и назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд.

Рисолаи диссертатсионӣ аз мундариҷа, ду боб, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда дар маҷмуъ 176 саҳифаро ташкил

Бояд гуфт, ки диссертатсияи номзадии Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич дар мавзуи "Нақши бозиҳои мусиқӣ -дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот(илмҳои педагогӣ), кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, масъалаи мубрами рӯзро таҷассум менамояд. Рисола дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, ба меъёрҳои муайянкардаи КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.01 Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя пешниҳод менамоем.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Хайруллоев Баҳриддин.
23.01.2024

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, info@tgpu.tj www: tgpu.tj

Имзои Хайруллоев Баҳриддинро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС